ПРОТОКОЛИ № 2
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-092

аз 19 октябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро 12 нафар

Раиси шуро: Саид Н.С.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд тасдиқ шудааст, 12 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзуи “Фалсафаи Ибни Арабӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа

Баромад намуданд: муовини раиси шурои диссертатсионӣ Ниёзӣ Ё.Б, котиби илмии шуро Ҳаитов Ф.Қ ва аъзои шурои диссертатсионӣ Содиқӣ Н.Н.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Зиёева Зебониссо Идибековна дар мавзуи “Фалсафаи Ибни Арабӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. Таърихи фалсафа ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои фалсафа Назариев Р.З ;
- доктори илмҳои фалсафа Мирзоев Ғ.Ҷ ;
- доктори илмҳои фалсафа Маҳмадова М.Ф.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.
Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа **Саид Н.С.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои фалсафа **Ҳаитов Ф.Қ.**